Бо қарори Шурои методии Муассисаии давлатии
«Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назд
Вазораи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон»
аз «____ «_____с. 2025, №___ тасдиқ гардидааст

# НИЗОМНОМАИ
# ШУЪБАИ ТАБЪУ НАШРИ МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТИКИСТОН

Душанбе-2025

## Муқаррароти умумӣ

1.1.Низомномаи шуъбаи табъу нашр дар асоси муқарраот ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ», “Дар бораи табъу нашр”, «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», мутобиқи талаботи Оинномавии Маркази ҷумҳуруиявии таълимию методӣ тартиб дода шуда , ташкил ва иҷрои фаъолият дар самти таҳия ва нашри маҷаллаҳои “Масъалаҳои методикаи таълим” ва “Субҳи умед”, ҳамкорӣ бо Воситаҳои ахбори оммаи соҳавӣ ва ҷумҳуриявиро танзим мекунад.

1.2.Шуъбаи табъу нашр (минбаъд шуъба) ҷузъи сохтории Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ буда, дар тобеияти директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ фаъолият мебарад.

1.3. Шуъбаро сардори шуъба роҳбарӣ менамояд, ки аз ҷониби директор ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

1.4. Сардори шуъба аъзои Шӯрои машваратии назди роҳбарияти МҶТМ аст.

## II. Мақсади шуъбаи табъу нашр.

2.1. Шуъбаи табъу нашр бо мақсади татбиқи бандҳои Консепсияи миллии тарбия, амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳои корҳои таблиғотиву тарбиявии МҶТМ, таъмини иҷрои амалии ҳадафҳои стратегӣ, дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи қонунгузории соҳаи маориф ва илми ҶТ ҳамкории худро бо сохторҳои вазорат ва муассисаҳои табъу нашр ба роҳ мемонад. Шуъба дар ҳамоҳангӣ бо дигар нашрияҳои соҳавии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чопи муштараки маҷаллаҳоро ба роҳ мемонад. Ин ба он хотир аст, ки теъдоди муштариён ва хонандагони маҷалла афзоиш ёбад.

2.2. Шуъба дар фаъолияти худ ҷамъи масъалаҳои таблиғотиву ба корҳои тарбиявӣ алоқамандро зери назорат ва роҳбарӣ гирифта, сохтори асосии танзимкунандаи муносибатҳо дар ин самт ба ҳисоб меравад. Ба масъалаҳои ба маҷаллаҳо марбутро сари вақт ва бо кумаки мутахассисони соҳа ҳаллу фасл менамояд.

2.3. Шуъба фаъолияти маҷаллаҳои МҶТМ -ро боз ҳам созмон дода, кори бамавриди таҳия ва чопи маводи илмиву методӣ, маърифативу фарҳангии онҳоро таъмин ва назорат мекунад. Кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки дар саҳифаҳои нашрияҳо маводи талаботи рӯз, бо заҳмати худи муаллифони доимӣ ва ба тавассути тарҷума ба нашр расонда шавад.

2.4. Шуъба таҳияи тамоми мақолаву таҳлилҳо ва гузоришҳои методиро дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмиву методии вазорат, мутахассисони ин ниҳодҳо, муаллимону мураббиёни муассисаҳои таълимӣ ва макотиби олӣ, ки дар ихтиёри худ кабинетҳои методӣ доранд ва, инчунин, мутахассисони МҶТМ ба роҳ мемонад. Шуъба дар фаъолияти рӯзмарра ба чопи бештари маводи методӣ ва илмӣ-оммавӣ диққат медиҳад. Рӯихати муаллифони доимиро тартиб дода, бо имконоте, ки даст медиҳад, бо ширкати онҳо конференсияҳои методӣ ва илмӣ-оммавиро дар МҶТМ даъват ва мегузаронад. Дар чунин семинарҳо ширкати омӯзгорони ботаҷриба ва педагогҳои шинохта эътибори махсус дорад.

Мақсади ниҳоии шуъба дастраси муаллимону мураббиён кардани таҷрибаи пешқадам, таблиғи ташаббусҳои созанда дар бахши таълиму тарбия, раванаҷу ривоҷи тарвиҷи дастовардҳои илмию методӣ ҷиҳати ташаккули инсони комил, тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ, риоя ва иҷрои қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳо, масъулиятшиносу фаъол, созандаю эҷодкор ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ мебошад.

## 3. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБА

3.1. Таъмини иштироки фаъолонаи кормандони шуъба дар барномаву чорабиниҳои сатҳи МД МҶТМ. Кормандони шуъба бо як навиштан ва омода кардани мақолаҳо маҳдуд нашуда, инчунин ба рӯйдодҳои муҳимми кишвар ва ҷаҳон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар сайти худи Марказ ва дигар расонаҳои иттилоотӣ вокунишҳоро ба нашр мерасонанд. Шуъбаи табъу нашр уҳдадор аст, ки фаъолияти сайти МҶТМ фаъол намуда, ширкати кормандони Марказро бобати нишон додани вокунишҳо ба ахбори ғайрмунсифона, ки дар сайтҳои иҷтимоӣ гоҳу ногоҳ ба чашм мерасанд, хубтару беҳтар ба роҳ монад.

3.2. Риояи қоидаҳои вобаста ба фаъолияти рӯзмараи мутахассисон. Маҷаллаҳои МҶТМ тибқи Ойинномa ба нашр мерасанд, ҳар корманди

МҶТМ муваззаф аст барои пешравии кори шуъбаи табъу нашр маслиҳату машвараҳои судмандро дареғ надоранд. Сари вақт бобати  пешравии кори шуъба пешниҳодҳоро дар шакли хаттӣ пешниҳод намоянд.

3.3. Иҷрои «Дастурамали кори мутахассисони МҶТМ »-ро зери назорат қарор медиҳад. Маводи омодакардаи кормандонро дар маҷаллаҳо ва матбуоти кишвар пешниҳод ва ба чопи он мусоидат менамояд. Дар дохил кардани иловаҳо ба «Дастурамали кори мутахассисони МҶТМ", ки вобаста ба талаботи  айём, ки такмилу тағйир меёбанд, саҳм мегузорад.

3.4.  Шуъба ба такмили дониши кормандон, фаъолияти  барои беҳтар кардани фаъолияти эҷодии онҳо, ҳавасмандгардонии кормандони фаъол ва танбеҳи онҳое, ки қоидаҳои тартиботи дохили идоравиро вайрон мекунанд, ба роҳбарият таклифҳо пешниҳод менамояд.

## 4. КОРҲОЕ, КИ ШУЪБА СОЗМОНДИҲӢ МЕКУНАД

3.5.  Дар назди шуъбаи табъу нашр вазифа меистад, ки  барои дарёфти хонандагони боистеъдод, болаёқат ва муаррифии онҳо ба ҷомеа корҳои зайлро созмондиҳӣ намояд:

– иртиботи доимӣ бо устодону муаллимони пешқадами ҷумҳурӣ, ки нақши онҳо дар омодасозии хонандагон ба Олимпиадаҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва ҷумҳуриявӣ хеле калон аст;

–чопи пешниҳодот ва назариёти онҳо бобати дарёфти хонандагони болаёқат  дар саҳифаҳои маҷаллаҳо;

сатҳи забондонии хонандагоне, ки дар Олимпиадаҳои сатҳи ҷаҳонӣ ширкати фаъол доранд;

– тарғиби омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус забонҳои англисӣ ва русӣ.

3.6. Пешниҳоди мақолаҳои методӣ аз ҷониби шуъба, ки муаллифони онҳо солҳо боз бо нашрияҳо ҳамкории зич доранд. Бобати ҳавасмандкунии моддии муаллифон чораҷӯӣ андешида мешавад. Ин ба он мусоидат мекунад, ки сафи муаллифон афзоиш ёбад.

3.7. Шуъба муваззаф мебошад дар маъракаи обуна бо хадамоти "Почтаи Тоҷик" алоқаи зич барқарор намояд ва ин иртибот дар тӯли сол қатъ

нагардад. Ширкати кормандони шуъба тавассути сафарҳои хидматӣ бобати обуна ба шаҳру навоӣ хубтар ба роҳ монда шавад.